# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертатсионии Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 - 01 – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ

Кори диссертатсионии Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 - Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ дар соҳаи технологияи маҳсулоти функсионалӣ иҷро шудааст. Айни замон истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи функсионалӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи саноати хӯрокворӣ аст. Аз ин лиҳоз мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, аҳамияти илмӣва амалӣдорад.

Дар доираи мавзӯи интихобшуда муаллиф ҳаҷми калони таҳқиқҳоро оид ба таркиби химиявӣ ва хосиятҳои функсионалӣ-технологии ашёи интихобшуда, таъсири иловаи ин ашёи ғайрианъанавӣ ба сифати маҳсулоти қаннодии ордӣ аз қабили ҳалвои миллӣ ва кулчақанди резонак, хосиятҳои истеъмолӣ ва қимати ғизоию энергетикии ин маҳсулот иҷро карда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада дастурамал ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти номбаршударо тартиб додааст ва як қатор ҳуҷҷатҳои меъёри-ҳуқуқиро таҳия намудааст.

Натиҷаҳои ҳосилшудаи тадқиқот аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро нишон медиҳанд. Таркиби химиявии таҳқиқшудаи донаи кадуи навъи маҳаллии «Иродӣ» биохимияи ин намуди сабзавотро васеъ мегардонад, хосияти функсионалии ин ашёро ва мақсаднокии истифодаи онро дар технологияи маҳсуллоти хӯрокаи функсионалӣ асоснок менамояд. Коркарди дастурамал ва технологияи истеҳсоли ҳалвои миллӣ ва кулчақанд бо иловаи орди донаи каду ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи дорои қимати баланди ғизоӣ ва биологӣ ва васеъ гардонидани номгӯимаҳсулоти қаннодии ордӣ мусоидат менамояд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки ин вазифаҳое, ки муаллиф барои расидан мақсади таҳқиқот муайян намудааст, ба пуррагӣ иҷро гардидаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот боэътимод, боваринок мебошанд ва бо маҷмӯи усулҳои физикию химиявии муосири таҳқиқ, мувофиқат ба додашудаҳои аз адабиёт маълум ва апрбатсия дар мақолаҳои илмии нашршуда ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мешаванд.

Дар баробари ин дастовардҳо баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1.Дар расмҳои 1 ва 2 (сахифаҳои 12 ва 13) дар меҳвари ордината қиматҳои кадом нишондод гузошта шудааст? Дар ин расмҳо аломатҳоба кадом забон навишта шудаанд?

2.Хуб мешуд, дар нақшаи технологии истеҳсоли ҳалво ва кулчақанд дар зинаҳои коркард шароити гузаронидани равандҳои технологӣ (ҳарорат ва вақт) нишон дода шавад.

Аммо камбудиҳои қайдшуда арзиши диссертатсияи Абдуллоева Ҳ.Ф.-ро паст намекунанд. Диссертатсия дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ» ба ҳама талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентит ҶТ оид диссертатсияи номзадӣ мувофиқат мекунад, муаллифи он, Абдуллоева Ҳ.Ф, сазовори унвони номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 - – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ мебошад.

Номзади илмҳои химия, дотсент, мудири
кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд
ба номи академик М.С.Осимӣ Тошхӯҷаев Н.А.

Суроға, 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, х. И.Сомонӣ 226
Тел.(+992 3422)60454, +992927153505
e-mail tnah@mail.ru

Имзои Тошхӯҷаев Н.А.-ро тасдиқ мекунам
Декани факултети
муҳандисӣ - технологӣ Камолов Н.Ш.

10.04.2024